**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ). – Душанбе, 2026. – 170 с.**

Васоити ахбори оммаи байналхалқӣ аз ҷиҳати фаро гирифтани фазои иттилоотии олам ва баррасии масъалаҳои муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муҳим дошта, дар ташаккулёбии равобити кишварҳо, инъикоси авзои ҷаҳон, созмондиҳии имиҷи кишварҳо ва афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолона иштирок доранд. Бешубҳа, инкишофи журналистикаи байналхалқӣ, тараққиёти технологияи иртиботӣ, бахусус истифодаи интернет ва имкониятҳои он дар радиошунавонии байналхалқӣ тозакориҳоро ба вуҷуд овард. Бинобар ин, омӯзиши фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ, бахусус радиоҳои байналхалқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо раванди ташаккули журналистикаи байналхалқӣ, балки тозакориҳою ташаккули радиошунавонии байналхалқӣ муайян гардад.

Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» яке аз расонаҳои байналхалқӣ буда, он 3 майи соли 1953 ба забони олмонӣ ба фаъолият шуруъ намуд, ки дар ҷаҳон бо унвони «Дойче Велле» машҳур аст. Расонаи мазкур аз ибтидо ба аудиторияи байналхалқӣ нигаронида шуда, ҳамчун муассисаи ғайритиҷоратии Олмон фаъолият дорад. «Мавҷи Олмон» ҳамарӯза барномаҳои худро ба 34 забон пахш карда, яке аз расонаҳои маҳбуб ба ҳисоб меравад. Ширкати мазкур дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, амал мекунаду эътибор дорад ва ҳамзамон авзои Осиёи Марказӣ дар маркази таваҷҷуҳи ин расона қарор дорад. Аз ин лиҳоз, зарурати мавриди омӯзиш қарор гирифтани самту равияҳо ва тартиби фаъолияти ин расона, таъсири барномаҳои он ба мафкураи ҷомеаҳои кишварҳои дигар ва инъикоси рӯйдодҳои Осиёи Марказӣ дар он зарурат ба таҳқиқро дорад.

Диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» яке аз аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки дар он назари донишмандон доир ба пайдоиш ва ташаккули ширкати «Мавҷи Олмон» ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, зимнан, ҳадаф ва нақши расонаи байналмилалии мазкур дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ ва мавриди пажӯҳиш

қарор гирифтааст. Дар зимн метавон гуфт, ки матраҳ шудани масъалаҳои мазкур **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

Дар **шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ** пажӯҳиши масъалаҳое тарҳрезӣ шудааст, ки ба таҳқиқи фаъолияти ВАО-и байналхалқӣ ва рӯзноманигории байналхалқӣ, масоили марбут ба мавзую муҳтавои расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ, сохтор, жанрҳо, анъанаю навоварӣ ва вижагиҳои рӯзноманигории байналхалқӣ иртибот доранд. Аз ин ҷиҳат, мавзуи диссертатсияи тақризшаванда ба доираи мавзуъҳо ва масоили пажӯҳишии **шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ** комилан **мувофиқат менамояд.**

**Навгонии илмии** диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар он арзёбӣ мегардад, ки дар журналистикаи тоҷик бори нахуст дар қолаби диссертатсия таҳлили ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» ҳамчун расонаи байналмилалӣ сурат гирифта, ҳамчунин, ба масоили пайдоиш, ташаккул ва фаъолияти ин ширкат дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ, ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон», вазъи имрӯзаи ширкати мазкур, навгониҳои падидомада дар ин самт, назария ва амалияи журналистикаи байналхалқӣ, бахусус, ба таҳлили фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешавад, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳо ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои таҳқиқи равишманди назариву амалиро дар журналистикаи байналхалқӣ дуруст муайян намояд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ** бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур дар таъин ва такмили баъзе масъалаҳои назарии журналистикаи байналмилалӣ замина мегузорад. Усулу равишҳои таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ ва таҳлили контентӣ, ки дар диссертатсия мавриди истифода қарор гирифтаанд, дар таҳқиқоти назарияпардозон ва муҳаққиқон, бахусус, дар самти татбиқи усулҳои нави таҳқиқи журналистикаи байналмилалӣ

бисёр муфид аст. Дар диссертатсия зимни таҳлил ва баррасии барномаҳо аз усусли шарҳу тафсири илмӣ низ васеъ истифода шудаст ва ҳар фасли таҳқиқро ҳамчун меъёри ҷудогонаи шинохти расонаҳои байналмилалӣ ба ҳисоб гирифтан мумкин аст. Маводди дар диссертатсия манзуршуда аҳаммияти зиёди амалӣ низ дорад. Аз маълумоти манзуршуда дар ҷараёни фаъолияти журналистӣ, таълиму тадриси мавзуъ ва масоили марбут ба журналистикаи байналхалқӣ метавон истифода намуд.

Диссертант ҷиҳати анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 4 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳои рисоларо инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи ширкати телевизион ва радиои «Мавҷи Олмон», ҷойгоҳи он дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, тарзи пешниҳоди мавод ва барномасозӣ дар расонаи мазкур, инъикоси авзои Осиёи Марказӣ дар он ва дар маҷмуъ, таъсири расонаҳои байналхалқӣ ба ташаккули афкори ҷомеаи дигар кишварҳо, бахусус Тоҷикистон аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои илмию маводди конференсияҳо ба нашр расонидааст. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Муқаддимаи диссертатсия ҳамаи зербахшҳои заруриро тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифта, дар асоси Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва манзур шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия – **«Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ»** аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар **фасли аввали боби якум – «Муруре ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ»** диссертант ба масъалаи омилҳои таъсис, пайдоиш ва ташаккули расонаҳои байналмилалӣ пардохтааст. Дар ин фасл муҳимтарин шохисаҳое, ки як расонаи байналмилалӣ ҳатман бояд дошта бошад, муаррифӣ карда мешаванд. Зимнан, раванди таъсисёбии расонаҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла агентиҳои иттилоотӣ ва радиоҳои

байналмилалӣ нишон дода шуда, нақши калидии расонаҳои байналмилалӣ дар ин ҷараён қайд гардидааст.

**Фасли дуюми боби аввал** таҳқиқи **«Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»»**-ро дар бар гирифтааст. Муаллифи диссертатсия таърихи таъсис ва марҳилаҳои фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»-ро таҳқиқ намуда, муайян намудаст, ки расонаи мазкур дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ҳамчун яке аз расонаҳои таъсиргузору бонуфуз амал мекунад. Ҳамчунин фаъолияти мухбирони тоҷикистонии ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таҳқиқ гардида, муайян кардааст, ки журналистон Нигора Бухоризода, Ҳалим Фасҳутдинов, Хайрулло Мирсаидов ва чанде дигар дар таҳия ва паҳн намудани мавод доир ба Тоҷикистон дар даврахои гуногун машғул буданд.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ»** унвон дорад, ба таҳлили фаъолият ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ пардохта, **фасли аввалро** ба масъалаи **«Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ»** ихтисос додааст. Дар ин фасл мақсад ва вазифаҳои расонаҳои байналхалқӣ таҳқиқ гашта, муайян карда шудааст, ки онҳо ҳамчун василаи муҳимми таъсиррасонӣ истифода мегарданд. Муҳаққиқ барои исботи ин ақида аз фаъолияти радиои «Озодӣ» ва дигар расонаҳои байналхалқии ИМА мисолҳо оварда, исбот менамояд, ки расонаҳои байналмилалӣ дорои ҳадаф ва вазифаҳои хосса ҳастанд ва бо шеваҳои гуногун дар пайи амалисозии он мебошанд.

**Фасли дуюми боби ду** баррасии вижагиҳои **«Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон»**-ро фаро гирифтааст. Зимни таҳқиқи фасли мазкур муҳаққиқ муайян намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии худ фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ ва хориҷиро иҷозат дода, ба онҳо имконият ва шароити мусоидро барои фаъолият фароҳам овардааст. Ҳамзамон зикр шудааст, ки таъсири расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Тоҷикистон афзоиш ёфта, нақши онҳо дар ташаккули афкори ҷомеа афзудааст. Вобаста ба ин масъала муҳаққиқ дар хусуси таъмини амнияти иттилоотӣ чунин қайд намудааст: Барои муқовимат ба таҳмили андешаву афкори ба манфиатҳои милливу ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон бегона зарур аст, ки воситаҳои ахбори оммаи миллӣ, хосса радиову телевизион ҳам аз нигоҳи молиявӣ бештар дастгирӣ ёфтаву таъмин шаванд ва ҳам доираҳои расмӣ дар додани иттилоъ ба расонаҳои ватанӣ бартарӣ диҳанд [диссертатсия, с. 101].

**Боби сеюм – «Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»»** аз ду фасл иборат мебошад. **Фасли аввали боби сеюм «Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»»** номгузорӣ шуда, диссертант ба ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» таваҷҷуҳ намуда, ба услуби барномасозӣ ва тарзи пешниҳод он, истифодаи имкониятҳо барои ҷалби бештари аудиторияро баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ ба камбудиҳо ва имконияти расонаи мавриди таваҷҷуҳ намуда, маълум кардааст, ки аудиторияи «Мавҷи Олмон», агарчи нисбат ба BBC (British Broadcasting Corporation) маҳдуд аст, барномаҳои худро ба забонҳои зиёд пахш мекунад. «Мавҷи Олмон» бо 30 забон, BBC бо 28 забон ва АЕФ (France Medias Monde) бо 13 забон барномаҳои худро пешниҳод мегардонад. «Мавҷи Олмон» ба воситаи телевизион, радио ва интернет барномаҳояшро пахш мекунад ва барои кишварҳои рушдкунанда академияи таълимӣ дорад. Дар ин академия рӯзноманигорон маҳорат ва касбиятро меомӯзанд.

Ҳамзамон, муҳаққиқ маводди ширкати «Мавҷи Олмон»-ро таҳлил намуда, муайян намудааст, ки расонаи мавриди таҳқиқ аз расонаҳои байналмилалии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Русия, Британияи Кабир, Фаронса фарқ дошта, ширкати «Мавҷи Олмон» талош мекунад, дар ҷангҳои иттилоотӣ камтар иштирок дошта бошад. Ба назари муҳаққиқ: Дар инъикоси навгонию воқеоти кишварҳои Осиёи Марказӣ ин расона талош мекунад, ки принсипи беғаразиро риоя карда, рӯйдодҳои муҳимтаринро бо назардошти таваҷҷуҳи аудиторияи худ пешниҳод кунад, яъне иттилоеро пахш мекунад, ки дар ин ё он сатҳ ба Иттиҳоди Аврупо рабт дорад [диссертатсия, с. 115].

**Фасли дувуми боби се** ба таҳлили маводди хориҷии расонаҳои Тоҷикистон бахшида шуда, «**Ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар»** ном гирифтааст. Дар ин фасл истифода гардидани маводди расонаи мавриди таҳқиқ дар расонаҳои Тоҷикистон баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки «Мавҷи Олмон» як манбаи боэътимоди рӯзноманигорони Тоҷикистон аст. Аз таҳлилҳои диссертант метавон чунин натиҷабардорӣ кард, ки ширкати «Мавҷи Олмон» дар баробари он ки бевосита дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеъ дорад, боз дар баробари ин аз матолибаш ба сифати сарчашма истифода мегардад. «Мавҷи Олмон» ҳамчун манбаъ барои расонаҳои ҳукуматӣ ва хусусии Тоҷикистон ҷойгоҳи намоён дошта, навигариҳои минтақа ва ҷаҳон, масъалаҳои глобалӣ дар он бештар баррасӣ мегарданд.

**Хулосаи диссертатсияи** Анҷум Маҳмуд Аҳмад фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам

омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ва автореферати Анҷум Маҳмуд Аҳмад баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба хотири пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанде аз онҳоро зарур медонем:

1. Дар диссертатсия таносуби бобҳо то як андоза риоя нагардидааст. Барои мисол, боби аввал 50 саҳифа, боби дуюм 42 саҳифа ва боби сеюм бошад, 41 саҳифаро дар бар гирифтааст.

2. Дар фасли аввали боби якум диссертант ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ назар намуда, вале дар баробари онҳо таърихи таъсисёбии расонаҳои байналмилалии Россияро қайд накардааст.

3. Бахши ҷаҳонии BBC фаъолияти бахши радиои форсии худро 31 марти соли 2023 қатъ намуда, пурра ба таҳияи контенти мултимедиавӣ ва пахши иттилоот тавассути сомона ва шабакаҳои иҷтимоӣ гузашт. Аммо дар рисолаи мазкур маълумоти куҳна таъкид мешавад, ки “Имрӯз радиои бахши форсии BBC ҳар ҳафта рӯзе як соат барнома ба забони форсӣ дорад, ки тавассути амвоҷи кӯтоҳ ва мутавассит ва дар Афғонистон бар рӯйи мавҷи FM пахш мешавад”.

4. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашуда таҷдиди назар мехоҳад, зеро дар рӯйхати адабиёт тартиби хронологии адабиёт дар мисоли таълифоти М. Муқимов ва А. Саъдуллоев риоя нашудааст. Инчунин, дар рӯйхати адабиёт номи Ш.М. Соибназарова саҳван Ш.М. Соҳибназарбекова навишта шудааст.

5. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои гуногуннависӣ низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, унвони расонаи мавриди таҳқиқ “Мавҷи Олмон”-ро дар шакли Дойче Велле (DW), DW, Deutsche Welle (DW), «Мавҷи Олмон» (Дойче Велле – DW), “Мавҷи Олмон” қайд намудааст, ки дар як шакл пешниҳод намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд (диссертатсия, с. 8, 36, 41, 49, 52, 53, 62).

Қайду эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти назарию амалии онро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад ба баррасии мавзуи муҳимми журналистикаи байналмилалӣ ихтисос ёфта, ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажӯҳиш ҷойгирифта дар сатҳи баланди илмӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, ҳамчунин, мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, маҷмуаи илмӣ ва маводди конференсияҳо ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

Хулоса, диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии
факултети филологияи рус, журналистика ва
медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон» Муллоев Ш.Б.
«12» марти соли 2026.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Зафар, бинои 229, ҳуҷраи 24.
Тел.: (+992) 93-500-57-50
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Имзои Муллоев Ш.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои МБТ Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон» Исмоилова М.Н.

Нишонӣ:: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: +992 (37) 221-35-50; +992 (44) 620-42-33
E-mail: nauka-rtsu@rambler.ru
«12» марти соли 2026.